# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертасионии 6D. КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ) ба диссертасияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05. - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ

Кори диссертасионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шаркӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» муҳим ва мубрам буда, тадқиқоти илмии ба анҷом расида ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти илмӣ инчунин аҳаммияти соҳавӣ дошта, бо мақсади омӯзиши хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъҳои нави хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш, бахри истифодабарии онҳо дар истеҳсолот ва селексия равона карда шудааст.
**Дар бораи мутобиқати мавзуъ, мухтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсия иҷозат дода шудааст.** Дар амал татбиқ намудани ду ҳадафи стратегии мамлакат - таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноаткунонии босуръати кишвар бе рушди соҳаи кишоварзӣ аз он ҷумла бахши боғу токпарварӣ масъалаи мубрами рӯз аст. Сол аз сол талабот ба истеъмоли мева, ки аҳаммияти ғизоию дорои хусусияти шифоӣ дорад зиёд шуда истодааст.

Яке аз роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокӣ, ин ба вуҷуд овардани навъҳои нави серҳосилу ба талаботи бозор ҷавобгӯ ва мукаммалгардонии технологияи бунёди боғҳо бо тарзи замонавӣ мебошад. Аҳамияти ғизоию шифоӣ ва иқтисодии хурмои шарқиро, ки як қисмати минтақаҳои боғдории Ҷумҳурӣ барои парвариши ин мева мувофиқ аст, ба назар гирифта мавзуи тадқиқотӣ таҳрезӣ карда шудааст.

Дар натиҷаи гузаронидани тадқиқотҳои илмӣ ва омӯзиши аломатҳои агробиологию хоҷагидорӣ ва селексионии навъҳои ояндадори хурмои шарқӣ бо мақсади дар истеҳсолот ҷорӣ намудан коллексияи навъҳои хурмои шарқӣ аз нав барқарор карда шуд.

Дар натиҷаи омӯзиши маҷмӯи хусусиятҳои агробиологию хоҷагӣ, ба сармо тобоварӣ, сифати мева, нигоҳдорӣ, интиқол додан ва хушконидан дар минтақаҳои водигии Ҷумҳурӣ, алалхусус водиҳои Ҳисору Вахш дар

баландиҳои аз сатҳи баҳр аз 350 то 1300 м, бори нахуст омӯзиши 15 навъу намунаҳо гузаронида шуда, дар натиҷа аз байни онҳо 3- навъи дорои хусусиятҳои хоси хоҷагию- биологӣ дошта, аз он ҷумла 1 навъ барои истеҳсоли хушкмева интихоб карда, ба Комиссияи давлатии озмоишии навъҳои зироатҳои кишоварзӣ ва муҳофизати навъи Вазорати Кишоварзӣ супорида шуд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои тадқиқот ва нашри мақолаҳо аз ҷониби муаллиф дар якҷояги бо роҳбари илмӣ анҷом дода шуда, инчунин таҳияи умумии диссертатсия ва автореферати он аслияти матни диссертатсияро инъикос мекунад. Иштироки бевоситаи муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илми 86,3% баробар мебошад.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ.**

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Раҳматов Сулаймон Ҳасанович ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 06.01.05-Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ки дар асоси феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.10.2022 фармоиши №237/шд, ҳуқуқи қабули диссертасияҳоро барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат мекунад.

**Банди 1, қисми 2.** Ба вуҷуд овардани маводҳои нави ибтидоӣ барои селексия, такмилдиҳии усул, тарзҳои мавҷудбуда дар корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ.

**Банди 2.** Барои селексия муҳайё намудани намудҳои растаниҳо бо аломат нав ва хусусиятҳои пурқимати хоҷагӣ бо ёрии омӯзиши усулҳои гуногун ва асосноккунии навъҳои нав ва гибридҳо, коркарди усулҳои нав, такмилдиҳии усул, тарзҳои мавҷудбуда дар корҳои селексионӣ ва тухмипарварӣ.

**Банди 3.** Захираҳои растанӣ ҳамчун маводи ибтидоӣ барои селексия

**Банди 4.** Методика, усул, тартиби равишҳои селексионӣ, тухмипарварӣ, (пайвандкунӣ, тарзҳои интихоби селексионӣ ва тухмипарварӣ, баҳодиҳи ва сақаткунӣ).

**Банди 5.** Усул ва тарзҳои ошкор кардани хусусиятҳои пурқимати хоҷагии маводҳои селексионӣ ва тухмӣ (кӯчатҳо). Коркарди шартҳои минтақабандии навъҳо (гибридҳо) ва ҷобаҷогузории минтақавии тухмиҳои зироатҳо ва хоҷагиҳои тухмипарварӣ, агротехникаи маводҳои

селексионии киштшаванда бо назардошти хусусиятҳои минтақавии экологӣ-ҷуғрофӣ.

**Банди 6.** (қисман) Усулҳои нигоҳдории мавод, таҳлил, баланд бардоштани сифати кишт ва ҳосилнокии тухмиҳо (кӯчатҳо) дар селексия ва тухмипарварии ибтидоӣ.

Мавзуи диссертатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба самтҳои афзалиятноки тадқиқотӣ – илмӣ алоқамандии зич дошта, бо як қатор барномаҳои давлатӣ аз ҷумла:

1. Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020, №424 аз 3 июли соли 2014.
2. Барномаи давлатии рушди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, № 483 аз 20.10.2016.
3. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 27-уми марти соли 2018, №165, дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №793, аз 30-юми декабри соли 2015 оид ба "Барномаи навбатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои солҳои 2016-2020".

Инчунин тадқиқотҳо мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии корҳои илмӣ- тадқиқотии шуъбаи мевапарварӣ ва бутамевагиҳо барои солҳои 2016-2020 дар мавзуи "Офаридани навъҳои ба шароити экологӣ устувори дарахтони мевадиҳанда, чормағзиҳо, ситрусиҳо буттамевагиҳо, такмилдиҳии технологияи парвариши ниҳол ва бунёди боғҳои интенсивӣ", РҚД 0121 TJ1135 иҷро гардидааст.

**Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб.** Натиҷаҳои тадқиқот дар 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назарявии АИКТ ва 1 мақола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки мазмуну мундариҷа ва муҳтавои асосии тадқиқоти мазкурро дар бар мегиранд.

**Дар бораи иҷрои талаботи нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия.** Тибқи талаботи **банди -35-** и "Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, №295)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм дар соҳаи илми табиӣ,риёзӣ, тиббӣ, кишоварзӣ ва техникӣ 2 мақола ва на кам аз 2 маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва ё байналмилалӣ аст, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ Раҳматов Сулаймон Ҳасанович 13 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои ҷумҳуриявии илмиву назарявии АИКТ ва 1 мақола дар конференсияи байналмилалӣ ба чоп расидаанд, ки ин ба талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мувофиқ аст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқи диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои корҳои илмӣ тадқиқотӣ дар шароити озмоишгоҳ ва саҳрои тибқи методикаи дар боғдори қабулшуда «Программа и методика сортоизучения плодовых, ягодных и орехоплодных культур» Мичуренск 1973, Орёл 1999 гузаронида, ҳассосияти экологии навъу дурагаҳо аз рӯи модели пешниҳод кардаи И.А. Драговцева [1990] ва таркиби химиявии мева дар шароити лабаратории –моддаҳои хӯшк, пектин ва дигарҳо мувофиқи методикаҳои дар китоби В. А. Ермаков, [1987] «Методы биохимического исследования растений» овардашуда муайн карда шудааст.

Асоснокии омории натиҷаҳои тадқиқот аз рӯйи таҳлили дисперсионӣ тибқи "Методика полевого опыта", Б. А. Доспехов [1985] ва барномаи компютерӣ Micrsoft 2010 санҷида шудааст.

**Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро.**

Кори диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» дар асоси талаботҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Ташхиси аввалияи диссертасия дар шуъбаи мевапарварӣ ва буттамевагиҳои Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи Шурои олимон муҳокима гардидааст (протоколи №7 аз 13.06.2025). Дар хулосаи мазкур кори диссертасионӣ мусбат арзёби гардида, баҳои объективӣ дода шудааст.

Кори диссертатсионӣ дар ҳаҷми 160 саҳифаи компютерӣ дарҷ гардида, аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсия ба истифодаи амалии натиҷаҳо, замима ва рӯйхати адабиётҳои истифодагардида иборат аст. Кор бо 29 ҷадвал, 21 расм ва 10 диограмма ороиш дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодагардида 195 аз ҷумла 19 адабиёти хориҷиро дар бар мегирад.Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаи нави илмии ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасановичро дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ»

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Раҳматов Сулаймон Ҳасанович дар мавзуи «Хусусиятҳои агробиологӣ, хоҷагидорӣ ва селексионии навъу намунаҳои хурмои шарқӣ дар шароити водиҳои Ҳисор ва Вахш» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05.- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ тадқиқотиашон ба ихтисоси 06.01.05 - Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ мувофиқат дорад, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

**Бобозода Илҳомҷон Абдушукур**-доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи ботаникаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**Шомамадова Зубайда Дустмамадовна-** номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** факултети биологияи Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев тавсия дода мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комисияи олиии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Санаи ҳимоя “ 03 ” марти соли 2026, соати 14⁰⁰ муқаррар карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои биологӣ, профессор — Исмоилов М.И.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои кишоварзӣ, дотсент — Султонова М.Ҳ.

Номзади илмҳои кишоварзӣ — Мубалиева Ш.М.

“25” 12 2025